«Таъдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»
_____ профессор Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.
«___» _____ соли 2019

ХУЛОСАИ
КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКИИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Маллаева Манижа Абдуғаффоровна таҳти унвони **«Таҳлили муқоисавии вежагиҳои луғавию маъноии истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар забони тоҷикӣ»** (дар мисоли “Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Маллаева М. А. соли 2003-юм факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлтии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро бо ихтисоси рӯзноманигор–омӯзгор хатм намудааст. Аз соли 2013 то ҳол дар кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ ҳамчун коргузор фаъолият мебарад.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии донишгоҳи мазкур Шокиров Т. С. мебошад.

Дар натиҷаи баррасии рисолаи диссертатсионии Маллаева М. А. «Таҳлили муқоисавии вежагиҳои луғавию маъноии истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар забони тоҷикӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ. Раванди таҳлили маводи гирдомада мақсади пажӯҳишро чунин муқарар намуд, ки вежагиҳои маъноию луғавии яке аз аввалин ва хеле муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқӣ - «Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омӯхта шуда, дар мавридҳои зарурӣ бо «Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон» муқоиса карда, умумияту фарқашон муайян карда шавад. Баҳри ноил гардидан ба чунин мақсад иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста шудааст:

-муайян намудани решаҳои таърихии истилоҳоти ҳуқуқ дар мисоли истилоҳвожаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ;

-тасниф ва таҳлили системаи истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва вежагиҳои лексикологии онҳо;

-таҳлили диахрониву синхронии истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ;

-гурӯҳбандӣ ва баррасии истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар "Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон";
-таҳлили вожашиносии КҶ РСС Тоҷикистон ва муқоисаи он бо КҶ ҶТ аз лиҳози маъно ва сохтори истилоҳоти марбута;
-баррасии маънии истилоҳу мафҳум ва тафсири филологию ҳуқуқии онҳо;
-таҳқиқи истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ аз лиҳози пайдоиш ва ташаккули онҳо дар забони тоҷикӣ;
-истилоҳоти ифодагари анвои ҷиноят ва ҷазо дар кодексҳои мазкур ва вежагиҳои маъноию луғавии онҳо;
-нишон додани вежагиҳои вазифави (функсионалӣ)-и истилоҳот дар ҳуқуқи ҷиноятӣ;
-нишон додани хусусиятҳои юрислингвистии муродифот дар матнҳои ҳуқуқӣ;
-таҳлили корбасти мутазодҳо дар матнҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ;
-ба таҳлил гирифтани муносибати қонунгузор ба вожаҳои ҳамгун (омонимҳо);
-равшан намудани муносибати қонунгузор ба сермаъноии калимаҳо (полисемия);
-муайян кардани нақши асноди мавриди назар дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Навовариҳои илмии тадқиқот. Дар забоншиносии тоҷик бори аввал кӯшиши баррасӣ ва нишон додани вежагиҳои истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ сурат мегирад.

Нахустин маротиба вежагиҳои лисонии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври муқоисаи КҶ РСС Тоҷ. ва КҶ ҶТ сурат мегирад. Махсусан корбасти истилоҳоти соҳаи мазкур дар кодекси ҷиноятии ду давраи рушди ҳуқуқ ва забони тоҷикӣ то ин замон тадқиқ нашудааст.

Муайян кардани заминаҳои пайдоиш ва рушди истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масири таърих низ навоварии корро муайян менамояд. Аввалин маротиба истилоҳоти ин кодексҳо аз лиҳози мансубияташон ба қабатҳои луғавӣ, доираву дараҷа ва вежагиҳои истилоҳсозиашон ба таври муқоисавӣ баррасӣ мегардад.

Аҳамияти назарии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар кор асосҳои назариявию амалӣ ва қонунияти корбасти низоми истилоҳоти соҳа гирдоварӣ, таҳлил, муқоиса, тасниф ва ҳамгун сохта шудаанд. Дар рисола истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ чун зернизоми алоҳидаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ баррасӣ шуда, ягонагиву ҷудонопазирии он ба исбот мерасад. Вежагиҳои маъноиву луғавии истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноӣ аз лиҳози назарияи умумиву миллӣ баррасӣ мегарданд.

Аҳамияти амалии пажӯҳиш аз он иборат аст, ки рисола дар такомули яке аз соҳаҳои муҳими забоншиносӣ, истилоҳшиносӣ, ки дар тадбири ҷанбаи илмӣ бахшидан ба забон саҳми асосӣ дорад, тахассус

гирифтааст. Он барои ҳарчи мушаххастар кардани меъёрҳои услуби қонунгузорӣ мусоидат менамояд, дар амиқ кардани маънову мантиқ ва ҷанбаҳои касбии матни ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию давлатӣ омил мегардад. Барои баланд бардоштани фарҳанги коргузории соҳаи ҳуқуқ созгорӣ менамояд. Пажӯҳиши анҷомпазируфта дар равшан сохтани ҷойгоҳи истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ташаккули системаи истилоҳоти ҳуқуқ ва инъикоси ғаномандии таркиби луғавии забони тоҷикӣ кӯмак хоҳад кард. Ин таҳқиқ дар омӯзиши масъалаҳои марбут ба истилоҳшиносӣ, лексикология, фарҳангнигорӣ, забоншиносии ҳуқуқ (лингвоюристика) ва ҳуқуқшиносии лисонӣ (лингвистӣ), қонунгузорӣ, санаднигорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ метавонад ҳамчун манбаъ истифода гардад. Маводи рисоларо дар таълифу тадвини китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, дастурҳои методӣ, рисолаи илмӣ, магистрӣ ва рисолаи хатм истифода намудан мумкин аст.

Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:

1. Таснифи истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ тибқи мансубияти соҳавии онҳо;
2. Омӯзиши пайдоиш, ташаккул ва рушди истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ;
3. Нишон додани умумият ва фарқи муносибати қонунгузор дар кодексҳои мавриди назар оид ба истифодаи истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ;
4. Таҳлили вежагиҳои маъноию луғавии вожаҳои ҳуқуқи ҷиноятии тоисломӣ дар забони тоҷикӣ;
5. Истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятии исломӣ дар забони тоҷикӣ ва вежагиҳои онҳо дар шариат;
6. Баррасии истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятии замони шӯравӣ (дар мисоли КҶ РСС Тоҷикистон);
7. Инъикоси тағйироту таҳаввулоти лисонию ҳуқуқӣ дар истифодаи истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятии давраи истиқлолияти Тоҷикистон (дар мисоли КҶ ҶТ);
8. Муқаррар сохтани нишонаҳои юрислингвистию лингвоюристии истилоҳоти соҳа ва мақоми онҳо дар рушди истилоҳоти ҳуқуқ;
9. Натиҷагирӣ аз вежагиҳои умумӣ ва хусусии корбасти истилоҳот дар қонунгузории Тоҷикистон ва инъикоси онҳо дар кодексҳои муқоисашаванда;
10. Коркард ва пешниҳоди роҳу усулҳои беҳкарди истифода ва офариниши истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар забони тоҷикӣ.

Мақолоте, ки аз рӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:

а) мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Маллаева М. А. Истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва вежагиҳои онҳо дар забони тоҷикӣ /М.А.Маллаева // «Ахбори ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои гуманитарӣ, 2015, № 4 (65), -С.138-145 (бо забони тоҷикӣ);

[2-М]. Маллаева М. А. Аврупоизмҳо дар "Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" /М.А.Маллаева // «Ахбори ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои гуманитарӣ, №1, (74), 2018,-С.127-134. (бо забони тоҷикӣ);

[3-М]. Маллаева М. А. Вожаҳои сермаъно дар ҳуқуқ (дар мисоли маводи «Кодекси ҷиноятӣ»-и ҶТ ва«Кодекси ҷиноятӣ»-и РСС Тоҷ.) /М. А. Маллаева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе, №2, (259). -С.170-175 (бо забони тоҷикӣ).

б) Мақалла ва мақмӯаҳои илмии дигар:

[4-М]. Маллаева М. А.Омонимия дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ /М. А. Маллаева // «Рушди илми муосир дар Тоҷикистон: назария ва амалия». Маводи конференсияи илмӣ-амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ, бахшида ба 20-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 25-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли ҷавонон. Қисми 1. -Хуҷанд: Дабир, 2018.- С. 252-253 (бо забони тоҷикӣ);

[5-М]. Маллаева М. А. Истилоҳоти ҳуқуқ ва вежагиҳои маъноии он /М. А. Маллаева // Забон равшангари дилҳост. Мақмӯаи мақолаҳои конференсияи ДДҲБСТ, бахшида ба «Рӯзи забони давлатии ҶТ» ва «Рӯзи байналмилалии забони модарӣ. - Хуҷанд: Дабир, 2018. - С.103-107 (бо забони тоҷикӣ);

[6-М]. Маллаева М. А. Тавзеҳоти вожаҳои русиву байналмилалӣ дар "Кодекси Ҷиноятӣ"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон" /М. А. Маллаева // Мақмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии олимон, муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ таҳти унвони "Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ – муаррифгари фарҳанги миллӣ" (бахши инноватсия, забонҳо ва баҳисобгирӣ). Қисми 3. -Хуҷанд: Меъроҷ, 2018.- С. 150-153 (бо забони тоҷикӣ);

[7-М]. Маллаева М. А. Системаи истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар забони тоҷикӣ ва тавсифи умумии он /М. А. Маллаева // Маводи конференсияи илмӣ – амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ таҳти унвони "Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ". Қисми 3. -Хуҷанд: Дабир, 2019.- С. 45-49. (бо забони тоҷикӣ);

[8-М]. Маллаева М. А. Мафҳумҳои умумиҳуқуқӣ ва корбасти онҳо дар забони тоҷикӣ /М. А. Маллаева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ: Ҳолат ва дурнамо». Қисми 1. -Хуҷанд: Дабир, 2019.- С.44-48. (бо забони тоҷикӣ);

[9-М]. Маллаева М. А. Пайдоиши истилоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ дар забони тоҷикӣ ва даврабандии он /М. А. Маллаева // Забон ва рукни он. Мақмӯаи мақолаҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ, Рӯзи байналмилалии забони модарӣ. -Хуҷанд: Дабир, 2020. – С.81-87. (бо забони тоҷикӣ);

[10-М]. Маллаева М. А. Тафсири маънӣ ва мафҳум дар ҳуқуқ /М. А. Маллаева // Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми

ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ. -Хуҷанд: Дабир, 2020.-С.121-128 (бо забони тоҷикӣ).

Кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” диссертатсияи Маллаева Манижа Абдуғаффоровнаро кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи зарурии илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳама талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро ба сексияи забоншиносӣ ва дифоъ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисос тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 12 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 12 нафар, “зид” – 0, “бетараф” – 0
Қарори №5 аз 27-уми декабри 2019

Мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” доктори илмҳои филологӣ, профессор _____ Ҳасанзода А.

**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 15,
хонаи 85,
Тел: +(992) 92 824 25 61
E-mail: abdujamol58@mail.ru**
Котиби ҷаласа, дотсент _____ Олимҷонов М.

**“Имзои А. Ҳасанзода ва М. Олимҷоновро тасдиқ мекунам”:
Сардори Раёсати кадрҳои МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” _____ Ашрапова З.**

**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
тел: +(992) 92 738 88 87;
E-mail:ddhkadr@mail.ru**